Тақриз
ба автореферати диссертатсияи Ниҳмонова Рангина Муҳамадҷоновна «Муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01.- Забони тоҷикӣ

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳоест, ки дорои таркибҳои устувору воҳидҳои фразеологии фаровон мебошад. Ин таркибҳои устувору воҳидҳои фразеологӣ дар забон дар шакли тайёр мавҷуданд ва барои сохтани он чандон заҳмат кашидан зарурате надорад. Вазифаи гӯянда ва нависанда, асосан, танҳо аз он иборат аст, ки аз ин сарвати бебаҳои забон оқилона, бамавқею беғалат истифода намояд. Агар шахс аз ин сарвати забон бебаҳра бошад, онро дарк накунад, нутқи ӯ ҷаззобу нишонрас намегардад. Забоншиносон беҳуда нагуфтаанд: «Забон бидуни ибораҳои фразеологӣ мисли оби бенамакест дар муқобили оби чашмаи гуворо…».

Мубрамии мавзӯи рисолаи номзадии Ниҳмонова Рангина Муҳамадҷоновна «Муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ» - ро, аввалан, зарурати ҷомеаи навин талаб менамояд ва, сониян, таҳти чунин мавзӯъ ба таври алоҳида таҳқиқ нагаштани он собит месозад. Доир ба паҳлуҳои гуногуни воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ таҳқиқоти зиёде сурат гирифтаанд ва дар баъзе аз онҳо перомуни нуктаи мазкур ишораҳо шудаанд. Мутаассифона, бо чунин унвон ва дар асоси осори як нависанда муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ то ҳол ба таҳқиқ гирифта нашудааст. Бинобар ин, метавон бо боварии том таъкид кард, ки таҳқиқоти мазкур аз аҳамияти назариявию амалӣ бархӯрдор аст: аввалан, нуктаҳои назариявии мавзӯъ ҳалли худро пурра меёбанд, сониян, имконият фароҳам меояд, ки бар асоси маводи таҳқиқгашта луғатномаи муродифии воҳидҳои фразеологӣ бо калимаҳо ва дастури амалӣ барои донишҷӯён омода сохт. Хонанда ва пажӯҳишгари ҷавон ҳини мутолиаи таҳқиқоти оид ба воҳидҳои фразеологӣ анҷомдодаи забоншиносони тоҷик ба бисёр нобасомониҳо во мехӯрад, зеро дар аксари онҳо андешаҳои носолим, рӯякӣ ва илман носаҳеҳ,ба ифодаи дигар фикрҳои дарҳаму барҳам бисёр роҳ ёфтаанд (масалан, фарқ накардани калимаҳои таркибӣ аз ибора, ҷуфтҳои синонимию антонимӣ , тамоми ташбеҳу ибораҳои изофии устувор, зарбулмасалу мақол – хулоса ҳамаро ба воҳиди фразеологӣ шомил сохтаанд ва ғайраҳо) . Ба назари мо, яке аз бартариҳои кори анҷомдодаи муҳаққиқи мавзӯи

«Муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ» нисбат ба асарҳои таҳқиқотии дигар он аст, ки аз чунин дарҳаму барҳамиҳо орист. Муҳаққиқи рисола ба мақсади такрор накардани андешаҳои айнии баёнкардаи забоншиносон, чунон ки дар аксари таҳқиқоти чанд соли ахир «мӯд» шудааст, маҳз нуктаи мазкурро ба сифати рисолаи илмӣ интихоб намуда, сухани тоза ҳам гуфтааст ва аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои гузоштааш бахубӣ баромадааст. Соҳибрисола дар баробари ошкор сохтани санъати баланду нотакрор ва махсуси нигориш доштани устод Садриддин Айнӣ дар офаридани асарҳои публитсистӣ ҳамзамон баъзе паҳлуҳои услуби публитсистиро дар мавриди истифодаи воҳидҳои фразеологӣ, ки матн ва ё ба ифодаи дигар мақсаду ҳадафро возеҳтару равшантар, ҷаззобу гӯшнавоз ва хонданбоб мегардонанд, аз нигоҳи илмӣ хулосаҳои дақиқ баровардааст. Масалан, дар ҷое маводи гировардаашро таҳлил намуда менависад: «Зикр кардан бамаврид аст, ки дар публитсистикаи устод Айнӣ аз навъҳои ибораҳои рехта танҳо ВФ-и феълӣ бо калимаҳо ҳаммаъно шудаанд. Аслан дар забони тоҷикӣ миқдори феълҳо чандон зиёд нестанд. Ин миқдорро ибораҳои феълии устувори забон пурра мекунанд ва ифодаи ҳама гуна фикри матлуб тавассути онҳо имконпазир мегардад» (саҳ.22). Ба хотири он ки таҳқиқот пурра фарогири нуктаи мазкур бошаду ҳамзамон появу асосҳои устувори илмӣ пайдо кунад, муҳаққиқ асарҳои илмии ба масъалаҳои воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ бахшидаи забоншиносони тоҷик ва қисман асарҳои олимони русро низ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, ҳусну қубҳи онҳоро дақиқназарона зикр намудааст. Ин нуктаро мутолиаи маводи автореферат собит менамояд.

Соҳибрисола дар таъину муқаррар кардани ҳадафҳои устод Айнӣ аз калимаҳо ба ҳайси муродифоти воҳидҳои фразеологӣ бар асоси таҳлили маводи ҷамъовардааш ба хулосаи дақиқ меояд ва чандин маротиба дар маводи фишурдаи рисолаи илмиаш – автореферат сареҳан таъкид менамояд. Яке аз гуфтаҳояш ин аст: «Хулоса , муродифоти луғавии осори публитсистии адиб бо мақсадҳои гуногуни услубӣ ба кор бурда шудаанд. Онҳо дар публитсистикаи адиб 1) ба хотири гурез аз такрор; 2) дақиқ ифода кардани матлаб; 3) пурра кардани маънои калимаҳои муродифӣ ; 4) таъкиди маъно; 5) инъикоси воқеаҳои таърихӣ хидмат кардаанд» (саҳ. 14).)

Ҳангоми шарҳу баёни муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ соҳибрисола ба як нуктаи муҳимми илмӣ хеле дақиққорона ишора менамояд, ки ин аст: «…воҳидҳои фразеологиро аз ҷиҳати маъно бо калимаҳо муродифи якхела ва ё ҳамвазн донистан дуруст нест. Воҳидҳои фразеологӣ баробари номинатсияи одӣ, ки онҳоро дар

калимаҳо дидан мумкин аст, боз дар аксар мавридҳо тобишҳои рангоранг ва муносибатҳои мухталифро низ фаро мегиранд» (саҳ.22).

Мутолиаи ва баррасии автореферат нишон медиҳад, ки Ниҳмонова Рангина Муҳамадҷоновна мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти гузоштаашро зимни коркарди рисолаи илмӣ бахубӣ анҷом дода, масъалаи муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологиро дар асоси маводи осори публитсистии устод Айнӣ аз нигоҳи илмӣ бо назардошти доираи мавзӯъ чамъоварӣ ва дуруст тасниф карда нисбатан пурра шарҳ додааст. Возеҳ аст, ки дар доираи як рисолаи илмӣ тамоми паҳлуҳои муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологиро пурра фаро гирифтан ғайриимкон аст. Коркарду таҳқиқи паҳлуҳои дигари он муҳаққиқони дигарро интизоранд.

Соҳибрисола натиҷаи корро таҳлилу ҷамъбаст карда, пешниҳодотеро манзур намудааст, ки муҳтавои ҳар се боби рисолаи диссертатсиониро фаро гирифта , дар маҷмӯъ аз тамоми қисмҳои он бармеоянд.

Дар баробари муваффақият дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ роҳ ёфтаанд, ки мо дар матни он ишора намудем. (Масалан, дар саҳифаи 5 ба ҷойи «рӯҳ» - «руҳ», дар саҳифаи 7 дар сатри 14 аз боло ба ҷойи «муҳиммият» - «муҳимият» омадааст, дар ҳамин саҳифа, дар сатри 15 аз боло баъди пайвандаки «ки» вергул гузошта мешавад). Инҳо ғалатҳои техникӣ баҳисоб мераванд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо паст намесозанд, зеро базудӣ ислоҳ карданашон дар доираи имкон мебошад.

Рисолаи таҳқиқотии Ниҳмонова Рангина Муҳамадҷоновна «Муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ» ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рисолаҳои номзадӣ гузошта шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ арзанда мебошад.

Муқарриз корманди пешбари МҶТМ-и
назди Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. и. п., узви вобастаи
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон С. Аминов

Имзои С. Аминовро тасдиқ мекунам:
сармутахассиси масъули кадрҳои МҶТМ Х. Аҳмадова